Тақриз

ба рисолаи номзадии Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ

Таҳқиқу таҳлили хусусиятҳои грамммматикии ин ё он ҳиссаи нутқ аз лиҳози муқоисаву мукобала дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ ба шумор мервад. Аз ин хотир, диссертатсияи Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзӯи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)» таҳқиқи саривақтӣ буда, аҳмамияти илмиву амалӣ дорад.

Рисолаи аз мукаддима, се боб, 10 фасл, 6 зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат юуда, дар он 18 диаграма ҷой дода шудааст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи муҳиммият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, манбаъҳо, асосҳои назарӣ, усули таҳқиқ ва навоварии илмиро асоснок кардааст.

Боби якуми рисола «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз 4 фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур унвонҷӯ ба масъалаҳои мафҳуми зарф дар забоншиносӣ, тафовути зарф аз сифат, дараҷаҳои қиёсии зарф ва калимасозии он даст зада, ҳар яки он масъалахоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст. Боиси хушнудист, ки рисоланавис бар мабнои сарчашмаҳои мавҷуда ҷойгоҳи зарфро дар таркиби ҳиссаҳои нутки забонҳои тоҷикиву англисӣ муайян намуда, хусусиятҳои фарккунандаи онро аз сифат шарҳу тавзеҳ медиҳад. Илова бар ин, дар ҳамин фасл унвонҷӯ ба таври умум зарфхоро аз нигоҳи маъно гурӯҳбандӣ ва хусусияти фарккунандаи онҳоро низ муайяе намудааст.

Фасли чоруми боби якуми рисола ба калимасозии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар ин фасл унвонҷӯ ҳар як зарфро дар асоси усулҳои маъмули калимасозӣ таҳлил намуда, дараҷаи каммаҳсуливу сермаҳсулии вандҳои зарфсози забонҳои муқоисашвандаро муайян кардааст.

Боби дуюми рисола «Таҳлили мукоисавии зарфҳои хосаи тавсифӣ дар забонҳои тоҷикӣ» унвон дошта, дар он хусусиятҳои фарккунандаи зарфхои тарзи амал, монандӣ ва миқдору дараҷа таҳлилу баррасӣ мегарданд.

Фасли якуми боби дуюм ба таҳлилу баррасии зарфҳои тарзи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ бахшида шуда, дар асоси маводҳои муъатмад зарфҳои ин намуд аз нигоҳи маъно ва сохтор таҳлил гардидаанд. Муаллиф зарфҳои тарзи ҳарду забонро аз лиҳози маънои луғавиашон ба: 1) зарфҳои ифодакунандаи тарз ва сифати амал; 2) зарфҳои тарзи ифодакунандаи ҳолату вазъият; 3) зарфҳои тарзи ифодакунандаи рафтору муносибат гурӯҳбандӣ намудааст. Мавкеи пешванд, пасванд ва миёнванди зарфсозе, ки дар ташаккули зарфҳои тарзи забонҳои таҳқиқшаванда иштирок мекунанд, дар фасли номбурда таҳлилу муқоиса шудаанд. Хусусиятхои

шабоҳату тафовути зарфҳои монандии забонҳои муқоисашаванда дар фасли дуюм таҳлил мегарданд. Ҳар як ванде, ки дар созмони ин навъи зарфҳо иштирок мекунанд, аз нигоҳи мансубияташон ба сифату феъл ва зарф гурӯҳбанди гардида, дараҷаи истеъмоли онҳо низ муайян карда мешавад.

Фасли сеюми боби дуюм ба таҳлилу муқоисаи зарфи миқдору дараҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудаанд. Хусусиятҳои маъной ва таркиби морфологии и зарфҳои миқдору дараҷа низ дар хамин фасл баррасӣ шудаанд.

Дар боби сеюм «Таҳлили муқоисавии зарфҳои ҳолӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ҳар як зарфи мансуби ин гурӯҳ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор мегирад.

Фасли якуми боби сеюм ба таҳлилу баррасии зарфи замони забонҳои муқоисашаванда бахшида шуда, муаллифи рисола хусусиятҳои фарқкунандаи ин намуди зарфҳоро аз нигоҳи маъно ва сохтор ошкор сохта, андешаҳои мушаххаси худро низ дар он замина баён мекунад.

Зарфи макон ва вижагиҳои монандиву тафовутии он бо мисолҳои мушаххас дар фасли дуюми боби сеюм таҳлилу баррасӣ мегаранд. Ҳар як зарфи мансуби ин гурӯҳ аз нигоҳи маънову сохтор низ дар ҳамин фасл муқоиса шудаанд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ба итмом расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои илмии дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 20 банд ҷамъбаст кардаастт.

Хулоса, рисолаи унвонҷӯ Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)» кори илмии анҷомрасида буда, онро ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои С.С.Ҷаматовро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.х.,
дотсент: Назаров Давлатхон Қурбонмуродовчи

06. 05. 2022 с.